**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

Мубрамияти мавзуъ бо он алоқаманд аст, ки дар амалишавии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мурофиаи судии ҷиноятӣ оид ба айбдоркунии хусусӣ бояд шаффоф ва холисона бошад.

Рушди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, таҳкими қонуният, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва тантанаи адолати иҷтимоӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба таври доимӣ мубрам боқӣ хоҳад монд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи нави рушд ва эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд баробари эълон шудани Истиқлолияти давлатӣ оғоз бахшида, дар сатҳи конститутсионӣ асосҳои сохти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро сифатан тағйир дод ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар шахсро ба мадди аввал гузошт.

Бо вуҷуди ин пешравиҳо дар шароити имрӯза вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ дар таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ба такмил ниёз дорад. Яъне, татбиқи бевоситаи меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ва инкишофи кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд муҳим мебошанд.

Бахри фароҳам овардани шароити мусоид ба амалишавии адолати судӣ дар таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз масъалаҳои муҳимми мурофиавӣ дар шакли мурофиавии айбдоркунии хусусӣ таваҷҷуҳи хосаро талаб мекунад.

Бо дарназардошти мақсади мурофиаи ҷиноятӣ, яъне таъмин намудани адолати судӣ, таъмин намудани тавозуни манфиати шахс ва давлат, ба инобат гирифтани қадру қимати инсон, масъалаҳои

амалишавии айбдоркунии хусусӣ, иштироки ҷабрдида дар таъқиби ҷиноятӣ, имкониятҳои мурофиавии ҷабрдида дар пешбурди айбдоркунии хусусӣ, муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавӣ бо айбдоркунии хусусӣ бештар ба таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти илмӣ ниёз пайдо кардааст, ки ҳолатҳои ишорагардида мубрамияти таҳқиқоти мазкурро ифода менамоянд.

Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ба ҳалли асоснокии масъалаҳои мурофиавӣ ва такмил дода шудани баррасии босифату саривақтии парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ, иҷрои санадҳои қабулнамудаи ҳокимияти судӣ оид ба такмили минбаъдаи на танҳо қонунгузорӣ, инчунин такмил дода шудани амалияи татбиқи ҳуқуқро ба миён овардааст ки ба бартараф карда шудани ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат хоҳад кард.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз пешбарии асосноки мафҳум ва моҳияти айбдоркунӣ, айбдоркунии хусусӣ, дақиқ ва мушаххас кардани намудҳои айбдоркунӣ, дар ҳамин замина бар асоси маҳаку хусусиятҳо муайян намудани доираи парвандаҳои ҷиноятие, ки мансуб ба намудҳои алоҳидаи таъқиби ҷиноятӣ мебошад, мураттаб намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимгароии ин намуди айбдоркунӣ, ҷудо намудани хусусиятҳои пешбурди он дар марҳилаи тосудӣ ва судӣ, аниқ намудани мушкилоту муаммои дар амал татбиқ намудани пешбурди айбдоркунии хусусӣ, пешниҳоди хулосаҳо баҳри такмил додани қонунгузории мурофиавӣ ва амалияи татбиқи он иборат буда, мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ҷанбаи комплексӣ дошта, дар он таҳлили масъалаҳои вобаста ба пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар доираи талаботи меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моҳияти шакли айбдоркунӣ ҳамчун

унсурҳои таркибии амалишавии функсияи (тайиноти) таъқиби ҷиноятӣ, масъалаҳои ташаккулёбӣ ва татбиқи қоидаҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо айбдоркунии хусусӣ, ташкил додаанд.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ соли 2000 ба факултети ҳуқуқшиносии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2005 хатм намудааст.

Аз соли 2009 бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳайси лаборанти кафедраи ҳуқуқи ҷинояти ва криминалистикаи донишгоҳи мазкур ба кор шуруъ карда аз соли 2010 асистенти кафедраи ва аз соли 2019 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон фаъолияти фаъолият камуда истодааст.

Кори диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ аз муқаддима, 3 боб 7 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Таҳқурсии иҷтимоӣ–таърихии ташаккули айбдоркунии хусусӣ» буда, аз ду зербоб иборат мебошад.

Муаллиф пайдоиш ва хусусиятҳои хоси падидаи айбдоркунии хусусиро вобаста ба марҳилаҳои таърихӣ, руйдодҳои иҷтимоӣ ва сарчашмаҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор дода, аз назари муаллифӣ марҳилаҳои ташаккулёбии айбдоркунии хусусиро пешбарӣ мекунад.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Асосҳои назариявӣ–ҳуқуқии пешбурди айбдоркунии ҳусусӣ» номгузорӣ шуда, ду зербобро дарбар гирифтааст.**

Дар асоси муқаррароти м.24 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки намудҳои айбдоркунӣ – айбдоркунии хусусӣ, хусусӣ–умумӣ ва умумиро пешбинӣ намудааст, муаллиф бо ваҷҳи асоснок ду намуди онро ҷудо ва бо назари дигар асоснок менамояд, ки асосан айбдоркунии хусусӣ ва айбдоркунии оммавӣ қобили қабул аст.

Дар асоси чунин таснифот, диссертант маҳакҳои зеринро ба монанди: манфиати ашхоси алоҳида ё оммавии мардум; бо иродаи озоди фард ва ё салоҳдиди мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин намудани адолати иҷтимоиро мавриди таҳқиқот қарор додааст..

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба – **«Масоили мубрами пешбурди айбдоркунии хусусӣ» бахшида шуда, аз се зербоб иборат мебошад.**

Муаллиф зикр кардааст, ки асоси оғози парвандаи ҷиноятии айбдоркунии хусусиро бояд маълумоти воқеӣ ташкил диҳад, ки воқеияти ҷой доштани аломати ҷиноятро дар ҳодисаи рухдода тасдиқ намояд. Воқеӣ будани маълумотро судя, бояд бо санҷиши он (ариза ва маводҳои пешниҳодшуда) муайян намояд, ки дар натиҷа эҳтимолият, шубҳа, гумони беасос ё фаҳмиши ғалати ҳодисаи рухдода бартараф шавад.

Асоснок шудааст, ки суд тамоми масъалаҳои баррасишавандаро мустақилона ва новобаста аз хоҳиш ва иродаи иштирокчиёни мурофиа, бе ҷонибдорӣ кардани манфиати онҳо, беғаразона ва холисона бояд аз номи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳал намояд. Адабиётҳо мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии

диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267» ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**судӣ ва назорати прокурории**
**факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Искандаров З.Ҳ.**

**Имзои Искандаров З.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ**
**«15» Сентябри 2025 с.** **Шодихонзода Э.Ш.**

Суроға: Хиёбони Рӯдакӣ, 17,
ш. Душанбе, 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Телефон: (+992-37) 221-62-25; (+992-37) 227-15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
Email:info@tnu.tj